ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика).

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 27-уми марти соли 2026 протоколи №1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** – узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика (таҳсилоти касбӣ), профессор – раиси комиссия.

2. **Абдураҳимов Алимурод Одинаевич** – узви шуро, номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика (таҳсилоти касбӣ) - аъзои комиссия.

3. **Холзода Мумин Чоршанбӣ.** – номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (физика, таҳсилоти умумӣ) – узви комиссия.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсионии Каримзода Аҳлиддин Назирро омӯхта, чунин меҳисобад, ки он таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, ба татбиқи бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) бахшида шудааст ва мақсади он асоснокунии методологияҳои татбиқи моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ аз физика мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар таълими физика, махсусан баргузории дарсҳои озмоишӣ бо назардошти нарасидани дастгоҳҳои озмоишӣ боиси мушкилот мегарданд. Бинобар ин, муаллиф ба воситаи диссертатсия роҳҳои ҳалли мушкилоти омӯзгорон ва донишҷӯёни физикаро тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва моделиронии кампютерии раванди таълим баррасӣ ва пешниҳод намудааст, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро ташкил медиҳад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот ба таҳияи модели аз ҷиҳати илмӣ асосноки идоракунии муассисаи таълимӣ, ки қодир ба татбиқи самараноки технологияҳои компютерӣ ва усулҳои фаъоли таълим, ташаккул додани салоҳияти касбии донишҷӯён, ки ба талаботи бозори муосири меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, равона карда шудаанд.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ-назариявии муаммои таҷдидшаванда муаллиф имконият пайдо намудааст, ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва имкониятҳои методикаи таълим, омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология, фалсафа ва методикаи таълим; омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; истифода аз методҳои эмприкӣ-суҳбат ва саволномаҳо; таҳлил ва ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмиеро, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташаккул диҳад.

Дар асоси чунин муносибат ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавии диссертатсияро дар пойгоҳи таҳқиқот корҳои омӯзишӣ-ҷустуҷӯӣ аз адабиёти лозима, маҳорату малакаҳои касбии муаллиф ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар гурӯҳҳои таҷрибавии ду муассисаи давлатии таълимӣ – «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва «Донишгоҳи давлатии Данғара» баргузор намояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси **5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика)** мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст. Ҳамзамон,

мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсия ба бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) мутобиқат мекунад.

Дар умум, муаллиф Каримзода Аҳлиддин Назир ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби таҳқиқотӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика ва методикаи таълим нақши муайян дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 18 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, 3 ададаи дигарашро васоити таълимӣ-методӣ, 1 адад монографияи илмӣ, 1 адад китоби дарсӣ ва 8 ададаи боқимондаашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки аз ин 1-тоаш маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ, ки хориҷ аз ҷумҳурӣ баргузор гардидааст, мебошад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омухтани модели озмоишгоҳи виртуалӣ ва моделсозии компютерӣ ва таъсири он ба ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони фанни физика мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти истифодаи методҳои таълимии технологияҳои иттилоотӣ раванди таълими илмҳои табиатшиносиро баланд намуда, сатҳи донишомӯзиро дар мавриди азхудкунии фанҳои таълимӣ дар гурӯҳҳои техникии МТОК таъмин менамояд. Ҳамчунин, истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ имкони таҳлили омории маълумотҳои дар рафти корҳои таҷрибавӣ ба даст овардашударо тасдиқ менамояд. Натиҷаҳое, ки

дар рафти таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, ба талаботҳои муосири асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ ҷавобгӯй мебошанд.

Ҳамчунин, истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ натиҷаҳои самараноки дар рафти корҳои таҷрибавӣ ба даст овардашударо тасдиқ менамояд. Натиҷаҳое, ки дар рафти таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, ба талаботҳои муосири асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ ҷавобгӯй мебошанд.

Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

1. Диссертатсияи Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» мутобиқ ба талаботи банди 53-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Таҳқиқоти илмӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи физика ва география ва кафедраи информатика ва технологияҳои рақамии Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар хулосаи Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсия Каримзода Аҳлиддин Назир баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст. Бинбар ин таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шурои дисеертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳимоя тавсеъа дода мешавад.

2. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки онҳоро дар такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои меъёрию-ҳуқуқии соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Каримзода Аҳлиддин Назир истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва

бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад ва аз ҷониби муаллиф мустақилона омода шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи номзадии Каримзода Аҳлиддин Назирро дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) баррасӣ намуда, дар асоси бандҳои 57-60-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) қарор менамояд:

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи номзадии Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

3. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Шерматов Дусназар Саидович** – узви шуро доктори илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика), профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

– Гулаев Ибодулло Хоҷаназарович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру панҳкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба

номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои физика-математика,
профессор Комилӣ А.Ш

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои физика-математика,
дотсент Абдураҳимов А.О.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Холзода М.Ч.

Имзоҳои д.и.ф.м., профессор А.Ш. Комилӣ, н.и.ф.м., дотсент А.О. Абдураҳимов ва н.и.п. М.Ч. Холзода *-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори ШК ва КМ
ДДБ ба номи Н. Хусрав Нажмидинов М.М.